**Ҷӯрахон Обидпур**

# «Кашшофӣ» дар шеъри устод Рӯдакӣ

## Муқаддима

Боиси таассуф аст, ки дар матбуоти даврӣ, девону китобҳои дарсӣ ва рисолаву мақолаҳои илмӣҷо-ҷо мисраъ ё байтҳо аз ашъори боқимондаи устод Абӯабдуллоҳи Рудакӣ дар шакли ғалат ба назар мерасанд, ки чунин ранг гирифтани кор хонандаро ба иштибоҳ меоварад.

Мо дар ин рисола дар бораи 3 китоб: «**Шеъри Рудакӣ**», (мураттиб, муаллифи сарсухан ва тавзеҳот Расул Ҳодизода) ва ду ҷилди «**Донишномаи Рӯдакӣ**» (Душанбе, 2008), ки «кашфкорӣ» - ҳо дар онҳо бештар ба назар мерасад, изҳори ақида намудаем. Мисраву байтҳоро мувофиқи мазмун бо ритми мусиқӣ муқоиса намуда, шакли дурусти онҳоро дар рисола рӯи коғаз овардаем.

Гарчанде, миқдори ҳиҷои мисраъҳо дар бисёр байтҳои устод Рӯдакӣ аз ҳамдигар тафовут доранд, вале дар ритми (усули) андозаҳои ин ё он оҳанг равону хушоҳанг ва дақиқанд. Барои мисол байти зерро вазнбардорӣ мекунем:

Байт: **Фархор бузургу нек ҷоест**, -8 ҳиҷо

**Гар маъдани ӯ бути навоест**.- 10 ҳиҷо

Тақтеъ: Фар/хор бузур/гу некҷо/ест,

Гар/ маъдани ӯ/бути наво/ест.

Нақша: -/-vv-/v-v-/ ~ /

Вазни умумии байт, асосан, ба 10 ҳиҷоӣ рост меояд, вале дар мисраи якум вазн дар 8 ҳиҷо тарҳрезӣ шудааст. Яъне, дар мисраи якуми байт ҳиҷои «хор» аз калимаи Фархор ва вожаи «нек» аз ҳамон мисраъ ҳар кадоме баробари як ҳиҷои дароз (-) ва як ҳиҷои кӯтоҳ  (V) кашиши замонӣ доранд, ки дар маҷмӯъ вазни байт ба 10 ҳиҷоӣ баробар мегардад. Байти мазкур дар оҳанг бе ягон  каму кост иҷро карда мешавад, чунки вай дар ритми оҳанг иншо шудааст.

Вазни байти мазкур чунин аст, ки мисраъ бо як ҳичои дарози безадаи пештақтеӣ  оғоз шуда, тақтеи охир низ комил нест. Вале 2 тақтеи мобайн дар вазн комиланд. Як ҳиҷои пештақтеӣ ва як ҳиҷои тақтеи  охир дар вазн як тақтеи пурраро табдил медиҳанд ва мисраъ ба 3 тақтеи пурра баробар мегардад. Ҳиҷоҳои «ест» аз охири ҳарду мисраъ ҳар кадоме ба дарозии ду ҳиҷои дароз кашиши замонӣ доранд.

Байти мазбурро бо ченакҳои афоили арӯз, ки ҷавобгӯйи вазни умумии байт аст, вазнбардорӣ  намудан ғайриимкон аст, чунки мисраи аввал аз 8 ва мисраи дувум аз 10 ҳиҷо иборат аст. Ин гуна байтҳо дар ашъори боқимондаи ин нобиғаи сухану мусиқӣ хеле зиёданд.

Мутаассифона, то имрӯз дар бораи паҳлӯи дигари маҳорати  устод – фаъолияти мусиқии ӯ ба истиснои рисолаи мусиқии банда **«Ритмикаи ашъори устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ»** (Душанбе, соли 2008) таҳқиқе ба анҷом нарасидааст. Ҳол он ки устод Рӯдакӣ қариб, ки дар ҳама андозаҳои мусиқӣ, ки дар халқу миллатҳои дунё мавҷуданд, шеър иншо намудааст. Ҳамин тариқ дар муайян намудани вазни ашъори устод Рӯдакӣ дар ритми  мусиқӣ нуқсоне ба чашм нарасид, чункиӯ ашъорашро бо тарона сохта(11,42).

Чунон ки гуфтем, дигар чӣҳоҷат бар он, ки мо ашъори мавзуни устод Рӯдакиро бо арӯз вазнбардорӣ кунем! Ҳол он ки шеъри устод дар ритми (усули) мусиқӣ суруда шудааст. Аз ин рӯ, ҳама он ғалатҳо, ки ба ашъораш ворид шудаанд, аз тарафи муҳаққиқону мураттибон ва муҳаррироне рух задаанд, ки онҳо аз саводи мусиқӣ дар канор будаанд. Яъне, арӯзиён дарк накардаанд, ки сухани шоир Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ «***сад зеру бам дорад***» (Бедил), чунки эшон «***форигнагмаи созанд***».

# «КАШШОФӢ» ДАР ШЕЪРИ УСТОД РӮДАКӢ

Дар урфият фаҳмидани шеърро аз эҷод намудан боло ҳисобидаанд, ки ин бесабаб нест. Ин ҷо вожаи фаҳмидан ба маънои васеъ омада, дар он дарк намудани се мафҳум: ритм[1], қофия ва мазмун дар назар аст. Шеър бе риояи яке аз ин омилҳо мавзун буда наметавонад. Илова бар ин, ба ақидаи мо, аз ин се омил вазн (ритм, усул) дар ҷойи аввал меистад. Шоир ҳангоми иншои шеър ягон калимаро берун аз вазн истифода намебарад ва мушкил будани эҷоди шеър низ дар риояи маҳз ҳамин се омил аст. Аз ин рӯ, мо дар назм ба бисёр калимаҳо дучор мешавем, ки онҳо шаклан табдил ёфтаанд. Масалан, калимаи *роҳ ба «раҳ», моҳ ба «маҳ», сухан ба «сухун», бӯса ба «бӯс», афтодаст ба «уфтодаст», агарчи ба «гарчи», саҳифа ба «сафҳа», хирадманд ба «бихрад», сиёҳ ба «сияҳ», Абӯалӣ ба «Бӯалӣ», бипазирад ба «бипзирад», афсона ба «фасона», ки ин ба «к-ин», бандагонаш ба «бандагон-ш», миёнакаш ба «миёнак-ш», зи ӯ ба «з-ӯ», додамаш ба «додам-ш», ва он ба «в-он», ва агар ба «вар»* тағйир пазируфтааст, ки ҳама ба хотири вазну қофияанд.

Шоире ба мисли устод Рӯдакӣ, ки ҳам шеър эҷод мекарду ҳам ба шеъраш худаш оҳанг мебаст ва ҳам дар чанг ё барбат менавохт, ҳеҷ наметавонист, ки дар вазн ба хатое роҳ диҳад.

Тавре ки мушоҳида намудем, миқдори ҳиҷоҳои мисраъҳо дар бисёр байтҳои устод Рӯдакӣ аз ҳамдигар тафовут доранд, вале дар ритми (усули) андозаҳои ин ё он оҳанг равону хушоҳанг ва дақиқанд. Барои мисол байти зерро вазнбардорӣ мекунем:

**Шод зӣ бо сияҳчашмон шод, - 8 ҳиҷо**

**К-ин ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод. - 10 ҳиҷо**

[1]Ритм аз юнонї – ruthmos- андозаи љараён, вазн, усул

Байти мазкур дар андозаи ритми шаш-ҳаштякӣ буда, аз се тақтеъ[2] иборат аст ва мисраъ аз ҳиссаи (ҳиҷои) дуюми тақтеъ оғоз мешавад. Нақшаи ҳар ду мисраи байтро аз рӯйи задаи калимаҳо алоҳида-алоҳида тақтеъбандӣ месозем, ки он аз тақтеъбандии арӯзиён фарқ мекунад:

Мисраи 1: – – / – VV – / ~ ~ | |

Мисраи 2: VV–/ ~ ~ / VVVV – | |

Байти (ғазали) мазбурро бо ченакҳои афоили арӯз, ки ҷавобгӯйи вазни умумии ғазал бошанд, вазнбардорӣ намудан ғайриимкон аст, чунки он дар ритми оҳанг иншо шудааст. Ин гуна байтҳо (шеърҳо) дар ашъори боқимондаи ин нобиғаи сухану мусиқӣ хеле зиёданд *(ниг.: Ҷ. Обидпур. Ритмикаи ашъори устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Душанбе, 2008).* **Аз ин бармеояд, ки шеъри Одамушшуаро бо ритми мусиқӣ суруда шудааст, на дар вазни арӯз!**

Мо дар рисолаи худ ба ҳамин самти мавзӯъ, яъне пайванди шеър ва оҳанг нисбати китоби *«Шеъри Рӯдакӣ» (Душанбе, «Деваштич», 2003),* мураттиб, муаллифи сарсухан ва тавзеҳот **Расул Ҳодизода** ва муҳаррири китоб **Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ** ибрози ақида мекунем. Мураттибу муҳаррир мавриди таҳияи китоб бо ба инобат нагирифтани вазн (ритм, усул) ба шеъри устод Рӯдакӣ баъзеислоҳот даровarда, ба иштибоҳ роҳ додаанд.

Дар сарсухан (саҳ. 6) мисраи аввали ғазали устод Рӯдакӣ: **«Рӯдакӣ, чанг бигрифту навохт»**, ки дар вазн дақиқ ва маъно равшан аст, ба шакли «Рӯдакӣ чанг баргирифту навохт» корбаст шуда, дар он вазн коста ва маъно халалдор гаштааст.

Ғазали мазкур дар андозаи мураккаби ритми оҳанги ҳафт-ҳаштякӣ тарҳрезӣ шуда, нақшааш ба сурати зайл аст:

–V – – / – V – – / – V ~ | |

Вожаи Рӯдакӣ аз мисраи аввал дар як тақтеъ / – V – + – / суруда мешавад, чунки ҳиҷои «кӣ» аз калимаи мазбур заданок буда, баробари

---

[2]Такт (таќтеъ) аз калимаи лотинии tactus – амал

ду ҳиҷои дароз (– + –) кашиши замонӣ дорад. Вожаи чанг низ дар вазн заданок мебошад ва ба вазни як ҳиҷои дароз (–) ва як ҳиҷои кӯтоҳ (V) кашиши замонӣ дорад.

Бинобар ин, мавриди хониши мисраъ, баъди вожаи Рӯдакӣ мебояд вергул гузошт ва каме ист кард. Дар он сурат задаҳои калимаҳои мисраъ бо задаҳои тақтеъҳо дар оҳанг мувофиқ меафтанд ва хониши мисраъ хушоҳангу дилнавоз мегардад. Дар мисраи ислоҳкардаи мураттиб ин қоида ба эътибор гирифта нашудааст.

Ғазали мазкур дар саҳ. 34-и китоб пурра оварда шудааст ва дар мисраъҳои 6-ум ва 8-уми он низ вазн костааст: шакли саҳеҳи мисраи 6-ум дар ритм (вазн) бояд ба сурати **«Ин бияфсурд, он дигар бигдохт»** бошад. Ҳарфи «у»-и охир аз вожаи «бияфсурду» дар вазн намеғунҷад. Ҳамчунин шакли саҳеҳи мисраи 8-ум дар вазн бояд ба сурати **«Ночашида торак андар тохт»** бошад. Пайвандаки «ба» дар мисраъ зиёдатист ва дар вазн намеғунҷад.

Қасидаи «**Шикоят аз пирӣ**» (дар китоб «Қасидаи пирӣ», саҳ. 14) дар ритми оҳанги андозаи мураккаби шаш-ҳаштякӣ тарҳрезӣ шуда, аз ҳиссаи (ҳиҷои) дуюми тақтеъ оғоз мешавад, ки нақшаи умумии он ба сурати зайл аст:

*қолаби зарбӣ*

V – V /– V V – /– V – V /– – –| |

Дар қасидаи мазкур ҳама мисраъҳо бо ҳиҷои кӯтоҳи безада оғоз мешаванд ва дар вазн бошад ду шакли қолабҳои зарбӣ тарҳрезӣ шудаанд, ки хониши мисраъро дар вазн мураккаб сохтаанд. Масалан, дар ибораи «ҳарчи дандон буд» аз мисраи якум, зада дар «ҳар» рост меояд ва «чи» ҳиҷои кӯтоҳи безада аст. Бинобар ин «чи» бояд бо «и»-и кӯтоҳ корбаст шавад. Бо «ӣ»-и дароз (ё заданок) корбаст шудани «чӣ» вазнро коста месозад. Дар қасида мисли ҳамин ибораҳои «чӣ наҳс буд?», «чӣ буд», «бар чӣ», «ҳар чӣ», ки бо «ӣ»-и зада корбаст шудаанд, ҳама ҳиҷои кӯтоҳи безадаанд, мувофиқи вазн бояд бо «и»-и кӯтоҳ иншо шаванд.

Дар мисраи **«Ҳамеша шоду надонистаме, ки ғам чӣ буд»** (саҳ. 15) вожаи буд ба «бувад» табдил ёфтааст, ки ҳиссаи «ва» аз калимаи мазкур дар вазн намеғунҷад. Чизи дигаре, ки вазнро коста сохтааст, он аст, ки дар мисраи «Иёл на, зану фарзанд на, маунат на» ба ҷои ҳиҷои дарози «на» ҳиҷои кӯтоҳи «не» корбаст шудааст. Дар мисраи мазбур ҳиссачаи инкории «на» хушоҳангтар аст.

Қасидаи «**Модари май**» (дар китоб «Қасидаи май», саҳ. 16) дар ритми мураккаби андозаи оҳанги шаш-ҳаштякӣ тарҳрезӣ шуда, бо ду шакли нақшаи вазн сурат гирифтааст. Ритми мазкур ба зарбу усули «уфар» мансуб буда, тақтеи он дорои ду зада: задаи шиддатнок ва задаи одӣ мебошад. Ҳиҷои охири мисраъ (мавриди бо оҳанг сурудан) ба дарозии як тақтеъ (баробари се ҳиҷои дароз) кашиш меёбад. Ҳама мисраъҳои қасида бо ҳиҷои дарози заданок ва тақтеи комил оғоз мешаванд, ки нақшаи умум ба сурати зайл аст:

– V V – / – V – V / – V V – / ~ | |

Дар қасидаи мазкур нақшаи вазн дар тақтеи сеюм бо се шакл вомехӯрад:

1) – – – |; 2) ~ V – |; 3) – VV– | | ва ин се шакли тарзи хониши мисраъҳо аз ихтиёроти шоирӣ буда, дар шеър мақбул асту вазнро коста намесозад.

***Пас, чӣ чиз вазнро коста месозад?***- Вазнро (усулро) дарк накарда, ба шеър ислоҳот даровардан!

Мисраи 13-ум аз қасидаи мазкур ба сурати зайл дар вазн саҳеҳ аст: **«Боз чу ояд ба ҳушу ҳол бубинад»**. Вале вожаи «бубинад» (V – / ~) дар китоб (саҳ. 17) ба сурати «бибинад» (– – / ~) корбаст шуда, вазнро костааст.

Ҳамин тариқ, дар қасидаи мазкур ҳама вожаҳои «бубинад» ва «бубахшад» ба шакли «**бибинад**» ва «**бибахшад**» корбаст шуда, дар ҳашт мисраъ вазнро костаанд. Тавре ки дар нақша нишон додем, дар тақтеи аввали ҳама мисраъҳои қасида ҳиҷоҳои дуюм ҳиҷои кӯтоҳанд. Бинобар ин, вожаҳои «в-ар чӣ» (– –), «он чӣ» (– –), ки дар оғози мисраъҳо омадаанд, мувофиқи вазн мебоист бо «и»-и кӯтоҳ ба сурати

«в-ар чи» (–V), «он чи» (–V) навишта мешуданд, то ки ҷавобгӯйии вазн мебуданд.

Дар мисраи «**Шодии Бӯҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммад**» (саҳ. 18) вожаи «ибни» ба ин сурат дар вазн намеғунҷад. Шакли саҳеҳи мисраъ ба сурати: **«Шодии Бӯҷаъфар Аҳмад бин Муҳаммад»**аст. Чизи дигаре, ки мавриди хониши шеър ба гӯш сахт мерасад, баъзе калимаҳоро бо ду ҳарфи ҳамсадо имло намудану хондан аст. Масалан, дар қасидаи «Модари май» вожаи «бача» бо ду ҳарфи «ч» дар шакли «бачча» хеле зиёд корбаст шуда, тарзи талаффузи он дар оҳанг ё мавриди қироати шеър ба гӯш сахт мерасад. Барои мисол мисраи «**Баччаи** хотуни турку **баччаи** хоқон», ки дар он вожаи «бача» бо ду ҳарфи «ч» корбаст шудааст. Чунин тарзи хониши мисраъ магар бар гӯш форам аст?

Дар баъзе мисраъҳои порчаҳои қасидаҳо низ костагии вазн ба назар мерасад. Масалан, дар қасидаи «Ҷаҳон ба коми…» (саҳ. 22), мисраи чорум ба сурати «Агар **бибаст** яке дар, ҳазор дар бикшод» сабт шудааст. Дар мисраи мазкур вожаи «бибаст» (– ~) ба ҷои вожаи дар вазн саҳеҳи «бубаст» (V ~) корбаст шуда, вазнро костааст. Ё ин ки дар мисраи аввал аз қасидаи машҳури «Бӯи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме». Нақшаи тақтеъ: –V – – / – V – – / – V ~ | |, ки тақтеи аввали он аз ҳиҷои дароз, 2-юм-ҳиҷои кӯтоҳ, ҳиҷои 3-юму 4-ум дарозанд (ниг. ба нақша). Дар китоб ду вожаи аввал дар шакли «Бӯйи Ҷӯйи…» (– – – – ) сабт шудааст, вале дар вазн ҳиҷои 2-юм ҳиҷои кӯтоҳ (V) аст. Мувофиқи вазн ду калимаи аввали мисраъро бояд ба шакли «Бӯи ҷӯйи» (–V – –) корбаст намуд ва сароид.

Дар ғазали «Дило, то кай ҳаме ҷӯйӣ манеро» (саҳ. 28) ҳама ҳиҷоҳои аввали мисраъҳо мувофиқи вазн бо ҳиҷои кӯтоҳи безада оғоз мешаванд, ба мисоли вожаи «дило» (V –). Аммо дар чанд маврид, ин тартиби вазн риоя нашудааст. Дар аввали се мисраъибораҳои дар вазн саҳеҳи «чи до′рӣ», «чи кӯ′бӣ» ва «чи со′йӣ», ҳама «чи»-ҳо бо «ӣ»-и дароз (ё заданок) сабт шудаанд, ки дар ин ҳолат мебояд ё ба шакли ҳиҷои дароз ё ба шакли ҳиҷои заданок талаффуз карда шаванд. Чунин тарзи хониши мисраъ вазнро коста месозад.

Мисраи 11-уми ғазал, ки дар китоб ба шакли «**Бибахшо**, эй писар, бар ман **бибахшо**» корбаст шудааст, вожаи «бибахшо» (– – –) дар ду маврид истифода шудааст. Яъне ба ҷои ҳиҷои кӯтоҳи аввал ҳиҷои дароз истифода шуда, вазнро костааст. Вожаи «бибахшо» мувофиқи вазни ғазал бояд ба шакли «бубахшо» (V – – ) корбаст ва дар ритм суруда шавад.

Дар ғазали «Гули садбаргу…» (саҳ. 28), ки дар вазни ғазали боло суруда шудааст, дар мисраи 3-юм вазн вайрон шудааст. Дар мисраи мазкур мувофиқи вазн як ҳиҷо кам аст. Ин ҷо вожаи «шудаст» мутобиқи вазни ғазал бояд ба сурати «шудааст» корбаст шавад. Шакли саҳеҳи мисраи мазкур дар вазн ба таври зайл аст: **«Ин ҳама яксара тамом шудааст».**

Тавре зикр шуд, шоир ягон калима ва ҳиҷоро берун аз вазн истифода намебарад, ҳатто калимаҳои дар қофия корбаст шударо. Дар ғазали «Сарсари ҳаҷри ту…» (саҳ. 34) дар мисраи аввал ин тартиб (шарт) риоя нашудааст.

Ғазали мазкур дар ритми андозаи мураккаби оҳанги шаш-ҳаштякӣ, ки ба зарбу усули «уфар» мансуб аст, дилнавозу хушоҳанг суруда мешавад. Тақтеи ритми мазкур ду зада дорад, ки задаи аввал шиддатнок ва задаи дувум одист. Ҳиҷоҳои аввали мисраъҳо бошанд, ҳама кӯтоҳи безадаанд, чунки онҳо аз ҳиссаи безадаи дуюми тақтеъ оғоз мешаванд.

Нақшаи тақтеъбандии саҳеҳи ритми ғазал ба таври зайл аст:

VV – / – VV– / – VV – | |

Дар китоб мисраи аввали ғазали мазкур дар шакли «Сарсари ҳаҷри ту, ай сарви **баланд**» сабт шудааст, ки вазн дар он низ халал ёфтааст. Вожаи «баланд» бо вожаҳои **биканд, каманд, фиканд**, ки дар ғазал бо якдигар ҳамқофияву ҳамвазнанд, бо дигар вожаҳои дар қофия омада ҳамвазн буда наметавонад. Дар вожаи «баланд» зада дар ҳиҷои дуюм - дар «ланд» меафтад. Аммо дар вожаи «фиканд» (ва дигар вожаҳои дар қофия омада зада мувофиқи вазн дар ҳиҷои якум - дар «фи» рост меояд. Ҳамчунин дар мисраи мазкур агар ба ҷои «ай» (V) «эй» ояд, ҳам хушсадо ва ҳам ба вазн мутобиқ мешавад. Бинобар

ин, мисраи аввали ғазал мувофиқи вазн бояд дар шакли **«Сарсари ҳаҷри ту эй сарви буланд»** сабт ва суруда шавад.

Дар порчаи шеърии «Бо ошиқон нишину…» (саҳ. 40) дар мисраъҳои сеюму чорум ба сабаби он, ки вожаҳои «бубинанд» (V – / ~) ва «бубиниё» (V– V – /) ба сурати «бибинанд» (– – ~) ва «бибиниё» (– – – ~) корбаст шудаанд, вазн коста шудааст.

Рубоиҳои устод Рӯдакӣ, ки бо забони ҳамафаҳму шевои тоҷикӣ иншо шудаанд, дар баъзе мисраъҳо «ислоҳот» ёфта, вазнашон коста гаштааст. Чунончи, рубоии «Чун кушта **бибини-м**(?) ду лаб гашта фароз» (саҳ. 47). Дар мисраи мазкур ба ҷои вожаи дар вазн саҳеҳи «бубиниям» (V–V–), вожаи «бибини-м» (– – –) сабт шудааст, ки вазнро коста сохтааст.

Мувофиқи вазни рубоӣ, мисраъ бояд ба сурати зайл навишта ва суруда шавад: **«Чун кушта бубиниям ду лаб гашта фароз»**. Нақша ва тақтеъ: – / –VV–/ V – V– /– VV– | |

Вожаи «гиреҳ» (V–) дар рубоии «Чун кори дилам зи зулфи ӯ монд гиреҳ», боз дар ду мисраи дигар низ истифода шудааст ва он дар вазну маънӣ дақиқ аст, чунки дар вожаи мазкур мувофиқи вазн зада дар ҳиҷои «ги» рост меояд. Агар вожаи «гиреҳ» дар шакли «гираҳ» истифода шавад, он гаҳ зада дар ҳиҷои дуюм дар «раҳ» меафтад тавре дар китоб (саҳ. 49) омадааст ва ин ҳолат вазнро коста сохтааст. Дар рубоии мазкур мувофиқи вазн истифодаи вожаи «гиреҳ» саҳеҳтар аст.

Дар рубоии «Бо дода қаноат куну бо дод бизӣ» (саҳ. 49) дар мисраи сеюму чоруми он вожаи «худ» мебояд то дар вазн ҳамчун ҳиҷои дарози безада корбаст шавад. Аммо дар китоб вожаи мазкур ба шакли «худе» табдил ёфтааст. Дар ин сурат зада дар ҳиҷои дуюми «де» рост омада, вазнро костааст. Вожаи «беҳ» аз мисраи сеюм ва вожаи «кам» аз мисраи 4-ум ҳар кадоме ба дарозии як ҳиҷои дароз ва як ҳиҷои кӯтоҳ (–+V) кашиши замонӣ доранд. Яъне, мувофиқи вазну маънӣ вожаи «худ»-ро ба «худе» табдил додан зарурат надорад.

Шакли саҳеҳи мисраъҳои сеюму чоруми рубоии мазкур мувофиқи вазн ба таври зайл аст:

**Дар /бе′ҳ зи′ худ / на′зар ма′кун / ғу′сса ма′хӯр,**

**Дар / кам зи худ / назар куну / шод бизӣ.**

Тавре ки зикр шуд, гарчанде миқдори ҳиҷои мисраъҳо дар бисёр байтҳои ашъори боқимондаи устод Рӯдакӣ аз ҳамдигар тафовут доранд, вале дар ритми (усули) андозаҳои мусиқӣ ниҳоят дақиқанд ва дар нағмаву усулҳои соф миллӣ эҷод шудаанд. Силсилаи нағмаву усул, ки аз ритмикаи[3] ашъори устод Рӯдакӣ бармеояд, имрӯз низ қариб ба пуррагӣ дар жанри сурудҳои форсӣ-тоҷикӣ истифода мешаванд.

Донишманди маъруфи тоҷик Шамси Қайси Розӣ ҳанӯз дар асри XIII вазни шеър ва тақтеи мусиқиро аз як манбаъ ҳисобида, таъкид кардааст, ки вазни шеърро бояд бо тақтеи мусиқӣ муқоиса намуд.**Ин ақида мутлақо қобили қабул аст**.

Шоирон мавриди иншои шеър бевосита ба усул, ки мутааллиқ ба мусиқист, такя мекунанд, тавре Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ фармуда: «Эй лаби ман хамӯш кун, **сӯи усул гӯш кун!**», яъне шоирони классик (алалхусус устод Рӯдакӣ) шеърашонро дар риштаи ритм (усул) эҷод намудаанд. Бинобар ин, тақтеи мусиқӣ ва тақтеъбандии шеър якхеланд!

Олимони назмшиносро лозим аст, ки мавриди ислоҳот даровардан, мисраъ ё байтро бо тақтеи ритми мусиқӣ *(на бо вазни арӯз, ки комилан ҷавобгӯйи вазни шеъри форсӣ-тоҷикӣ нест)* муқоиса намоянд, чунки:

Раҳи вазн меҷӯ зи **эҳсосу гӯш,**
Ки бар **чашм** розест ин пардапӯш.

* * *

Вазн, чуноне ки гуфтем, ҳамон ритм ва усул буда, мутааллиқ ба мусиқист, ки онро бидуни саводи мусиқӣ баркаш намудан амри муҳол аст. Шоир ҳангоме ки мисраи аввали шеърашро иншо

---

[3] Ритмика аз юнонї – њаракатњои мувофиќи усул ва оњанг

менамояд, дар он вазн (ритм)-и умумии шеъраш пайдо мешавад ва ҳама мисраъҳои дигар дар ритми (вазни) мисраи якум рӯи коғаз меоянд.

Чизи дигари қобили баён он аст, ки тақтеъҳои байт танҳо бо баробаргузории задаҳои калимаҳои мисраъ муайян карда мешавад, на бо баробаргузории ҳиҷоҳо. **Ҳаким Фирдавсӣ** 120 ҳазор мисраи «Шоҳнома»-ро тӯли 30 сол эҷод карда, дар як ритм суруд. Кам набуданд шоирони классики форсу тоҷик, ки дар вазни «Шоҳнома» достонҳояшонро на як солу ду сол навиштаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо пеш аз ҳама ритм - усулро дар дилашон ҷо намуда, мисраъҳоро дар ҳавои он сурудаанд. Хотирнишон месозем, ки вазни **«Шоҳнома**» аз асри 7-и милодӣ ибтидо мегирад, яъне ду аср пеш аз ихтирои арӯзи араб! Пас, чаро онро вазни «мутақориб» номидаанд?! Ва онро бо ченаки фаъӯлун вазнбардорӣ намудаанд, ҳол он ки афоъили мазкур ҷавобгӯи ин вазн нест (ниг.: Обидпур Ҷ. Шеър оҳанг аст.- Душанбе, 2002.- Саҳ. 12-13).

Ҳамин тариқ, арӯзиён, шояд ба далели аз саводи мусиқӣ бебаҳра буданашон, чи будани вазнро дарк накардаанд ва дар вазнбардорӣ ба иштибоҳ роҳ додаанд. Онҳо дар бисёр мисраъҳои шоирони классики форсу тоҷик аз худ тағйироту иловаҳо дохил намуда ҳам вазну ҳам мазмунро костаанд.

«Кашшофӣ» дар шеъри устод Рӯдакӣ дар ду ҷилди «Донишномаи Рӯдакӣ (Душанбе, 2008) ба ҳадди ниҳоӣ расидааст, ки мо дар ин маврид андешаи хешро баён накарда наметавонем.

Дар мақолаи **«Адабиёти форсу тоҷик дар аҳди Рӯдакӣ»** (Донишномаи Рӯдакӣ, ҷ.1, саҳ. 80) панҷ байт аз қасидаи машҳури устод Рӯдакӣ - «**Бӯи ҷӯйи Мӯлиён**…» мисол оварда шудааст. Ду вожаи аввали сарлаҳва ва мисраи якумро ба сурати **«Бӯйи** (?)ҷӯйи»(- - - -) корбаст намудаанд. Вале дар вазн ҳиҷои дуюми вожаи «бӯйи»ҳиҷои кӯтоҳ (V) бояд бошад ба

таври **«бӯи»** (- V) ва тарзи навишти он аз ҳиҷои дароз бояд фарқ кунаду мувофиқи вазн қироат шавад, ба мисли вожаи «ёди» (- V) аз мисраи дувуми қасида (ниг.: «Масъалаҳои маориф»,2010, № 1, саҳ. 67).

Тарзи сабти дар вазн нодурусти вожаи «бӯи» дар ду ҷилди «Донишномаи Рӯдакӣ» хеле зиёд ба мушоҳида мерасад.

Дар мисраъҳои дигари қасида низ тағйироту иловаҳо ба назар мерасанд. Масалан, шакли дар вазну маъно саҳеҳи мисраи 8-уми қасидаи мазбур ба ин сурат аст: «Мир наздат меҳмон ояд ҳаме», вале ин мисраъ дар мақолаи мазкур ба сурати «Мир зӣ ту(?) шодмон ояд ҳаме» корбаст шудааст. Дар мисраи 14-уми он низ ба ҷои вожаи **зиён** нодуруст **«забон»** омадааст.

Чунин «кашфкориҳо» дар мақолаи Д. Обидов **«Бӯйи (?) ҷӯйи Мӯлиён»** (ҷ.1, саҳ. 278) ва дар шарҳи вожаи «Мир»-и В. Элбойзода (ҷ.2, саҳ.123) низ ба назар мерасанд. Онҳо ҳамин мисраи ҳаштумро боз дар шакли дигар – **«Мир сӯят меҳмон (?)** ояд ҳаме» корбаст намудаанд.

Мисраи сеюми қасидаи мазкур, ки дар шакли «Реги Омуву дурушти роҳи ӯ» дар вазн ниҳоят дақиқу равон аст, дар мақолаи Д. Обидов (ҷ.1, саҳ.278) ва дар шарҳи вожаи «Мураддаф»-и У.Тоиров (ҷ.2, саҳ. 168) ба сурати «Реги Омую **дуруштиҳои(?)** ӯ» омада, вазн коста шудааст.

Мисраи панҷуми қасидаи мазкур, ки дар шакли «Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯи дӯст» дар вазн саҳеҳу хушоҳанг аст, дар шарҳи вожаи «Миён»-и В. Элбойзода (ҷ.2, саҳ. 118) ба сурати «Оби **Ҷайҳуну шигарфиҳои (?)** ӯ» корбаст шудааст.

Шоҳбайти зери устод Рӯдакӣ:

***Ҳарки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,***

***Низ наомӯзад зи ҳеҷ омӯзгор,***

ки дар ритми андозаи ҳафт-ҳаштякӣ - зарбу усули қисса тарҳрезӣ шудаасту аз 3 тақтеъ иборат мебошад, нақшааш ба сурати зайл аст:

- V - - / - V - - / - + V ~ //

Таваҷҷуҳ кунед ба ҳиҷоҳои дуюми ҳама тақтеъҳо; онҳо ҳиҷои кӯтоҳанд.

Аммо ҳиҷоҳои аввали мисраъҳо бошанд, ҳиҷои дарозу заданоканд. Яъне мувофиқи вазн тарзи дурусти имлои вожаҳои аввали мисраъҳо бояд ба ин сурат бошад: **«Ҳарки»** ва **«Низ на…»** (- V).

Байти мазкур чи дар катибаҳои шаҳру ноҳияҳо, чи дар маъхазҳо, аз ҷумла дар ду ҷилди «Донишномаи Рӯдакӣ» бо сабтҳои мухталиф: **«Ҳар кӣ», «Ҳеҷ н-омӯзад», «Низ н-омӯзад»** хеле зиёд ба мушоҳида мерасад. Аммо, ба андешаи мо, шакли дар маънову вазн саҳеҳаш чунонест, ки дар боло овардем.

**Ш. Исрофилниё** дар шарҳи вожаи «Баргуморидан» (ҷ. 1, саҳ. 187) байти зери устод Рӯдакиро дар вазн хато мисол овардааст:

Магӯ **як сӯ** афкан, ки худ ҳамчунин,

Бияндешу **дидаи** хирад баргумор.

Байти мазкур дар вазни «Шоҳнома» буда, аз чор тақтеъ иборат аст. Дар мисраи якум вожаи «як сӯ» мебояд бо, «у»-и кӯтоҳ ва якҷо навишта шавад: «яксу». Дар мисраи дуюм вожаи дар вазн саҳеҳи «дида» ба сурати «дидаи» корбаст шуда, «и»-и дуюм ҳашв аст, дар вазн намеғунҷад.

Тақтеъбандии саҳеҳи байти мазкур дар вазн ба сурати зайл аст:

Магӯ / яксу аф / кан, ки худ / ҳамчунин,

Биян / дешу ди / да, хирад / баргумор.

Шамсиддин Муҳаммадӣ дар шарҳи вожаи «Бач(ча)» (ҷ.4, с.201) ташдидро «тақозои вазни шеър» дониста, байти зери устод Рӯдакиро тамоман ғалат мисол овардааст:

Ҷаҳоно, **чӣ бинӣ** ту **аз баччагон, (?)**

Ки гаҳ модарӣ, гоҳ **модарандарӣ. (?)**

Байти мазкур дар вазни «Шоҳнома» буда, дар ритми андозаи панҷшонздаҳякист ва аз чор тақтеъ иборат аст. Тақтеъҳосода буда, зада дар ҳиҷои аввали тақтеъ (ҳиҷои сеюми мисраъ) рост меояд. Аз мисоли овардаи муаллиф бармеояд, ки ӯ чи будани вазнро сарфаҳм нарафтааст. Чунончи, мувофиқи вазн «чӣ»-и мисраи якум кӯтоҳи безада буда, бояд бо «и»-и кӯтоҳ навишта шавад. Талаффузи вожаи «бача» бо ду ҳарфи ҳамсадо дар вазн ягон зарурат надорад. Баръакс бо ду ҳамсадо мавриди қироат ба гӯш сахт мерасад.

Дар қироати шеър ва ё сурудан чунин қоидаест: ҳама ҳарфҳои калима бояд бурро талаффуз шаванд, то ки мазмун равшан баён гардад. Вожаи «бачча»-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо намоем, чунин аст: «бач-ча», яъне ду ҳарфи «ч» бояд садо диҳад; якум дар ҳиҷои аввал, дуюм дар ҳиҷои баъдина. Ҳамчунин дар мисраи якум ба ҷои вожаи **«чунинӣ»** калимаи **«чӣ бинӣ»** корбаст шуда, маъноро халалдор сохтааст. Дар мисраи дуюми байт низ вазн костааст: вожаи «модарандарӣ» дар ин шакл дар вазн намеғунҷад, як ҳиҷо зиёд аст. Вожаи мазкур ба сурати **«модандаро»** мутобиқи вазн мебуд.

Ҷаҳо / но, чу ни / нӣ ту бо / бачагон,

Ки гаҳ / модарӣ / гоҳ мо / дандаро.

Дар мисраи дуюм вожаи «гоҳ» ба андозаи як ҳиҷои дароз (-) ва як ҳиҷои кӯтоҳ (V) кашиши замонӣ дорад.

Аз ин бигзарем, дар мисраи зери устод Рӯдакӣ **«Ҷаҳоно, ҳамоно, к-аз бегуноҳӣ»** дар шарҳи вожаи «Бегиёҳӣ» (ҷ. 1, саҳ. 208) ва шарҳи вожаи «Беканоз» (ҷ. 1, саҳ. 214) ба ҷои вожаи «бегуноҳӣ» калимаи «бегиёҳӣ»
корбаст шудааст. Дар шарҳи вожаи «бегуноҳ» бошад, дар ҳамин мисраъ ба ҷои калимаи «бегуноҳӣ» истифода шудааст (ҳамон ҷо, саҳ. 209). Ба ақидаи мураттибон кадоме аз ин вожаҳо дар мисраъ саҳеҳ бошад?!

Мисраи дар вазн саҳеҳи **«Зи ашки абри найсонӣ ба дунё шоҳ шуд муъалам»** дар шарҳи вожаи «Бод»-и Д. Ҳомидов (ҷ.1, саҳ.238), калимаи «муъалам» ба «муъалам» табдил ёфтааст, ки садоноки «а»-и аввали он дар вазн намегунҷад.

Дигар:

**Аз ҳазорон ҳазор неъмату ноз,**

**На ба охир ба ҷуз кафан бурданд.**

Мисраи якуми он дар шарҳи вожаи «Бурданд»-и М.Саломов (ҷ.1, саҳ.266) ба шакли ғалат: **«Аз ҳазорон неъмату ноз»(?)** корбаст ва калимаи «ҳазор» аз мисраъ ихтисор шудааст. Инчунин, ба таври ғалат дар мисраи саҳеҳи **«Гирифт хоҳам зулфайни анбарини туро»** калимаи «зулфайни» ба «зулфини» (ҷ.1, саҳ.322) ва дар мисраи **«Хоки**

**кафи пои Рӯдакӣ насазӣ ту»** калимаи «насазӣ» ба «намозӣ» (ҷ. 1, саҳ. 325) табдил ёфта, вазну мазмун халалдор гардидааст.

В. Охонниёзов дар шарҳи вожаи «Гуна» (ҷ. 1, саҳ. 339) мисраи чорумро аз чистони «Ланги раванда…»-и устод Рӯдакӣ дар шакли «Колбади ошиқону **гунаи рангин**» корбаст намудааст. Мисраи мазкурро М. Солеҳов дар шарҳи вожаи «Гунаҳ» (ҳамон ҷо, саҳ. 340) дар шакли «Колбади ошиқону **гунаи ғамгин**» мисол оварда, дар зер калимаҳои мисраъҳои сеюму чорумро хеле дақиқназарона шарҳ додааст: тезии шамшер – бурандагӣ; равиши мор – ғайри мустақим; пайкари ошиқон – колбад ва «гунаи ғамгин»-ро ба «чеҳраи дардошно» маънидод кардааст, ки баёнгари мазмуни байт аст. Ба ақидаи мо, мисраи овардаи М. Солеҳов дар маънӣ саҳеҳ мебошад.

Мисраи «***В-ар сухани ӯ расад ба гӯши ту як раҳ***», ки дар вазну маънӣ дақиқ аст, вале дар шарҳи вожаи «Гӯш» (ҷ. 1, саҳ. 352) ба ҷои «раҳ» калимаи «роҳ» истифода шуда, вазну маъниро костааст. Дуруст аст, ки дар баъзе мавридҳо ба хотири вазн вожаи «роҳ» ба «раҳ» табдил  мешавад, вале дар ин мисраъ вожаи «як раҳ» ба маънои «як бор», «як маротиба» омадааст, на ба маънои роҳу ҷода. Сухани **«як раҳ»**ба ин маъно дар байни мардум маъмул аст. Дигар ин, ки вожаи «раҳ» дар вазн ба дарозии як тақтеъ, яъне баробари 6 ҳиҷои кӯтоҳ кашиши замонӣ дорад, вале кашиши вожаи «роҳ» танҳо ба дарозии як ҳиҷои дароз ва як ҳиҷои кӯтоҳ (- + V) асту бас. Нақша ва тақтеъбандии саҳеҳи вазни қасидаи «Модари май» ба сурати зайл аст:

- VV - / - V – V / - VV - / ~ + ~ //

Вазн дар чор тақтеъ тарҳрезӣ шудааст. Мисраи мазкур бо ивази вожаи раҳ ба «роҳ» боз дар ҷилди 2 дар се ҷо: саҳ. 256, 352 ва 470 ба мушоҳида мерасад.

Бояд гуфт, ки ибораи «як раҳ» ба маънии «як бор», «як маротиба» дар осори Рӯдакӣ фаровон истифода шудааст, аз ҷумла дар байти зерин хеле равшану возеҳ мебошад:

Ҳар он замин, ки ту **як раҳ** бар ӯ қадам биниҳӣ,
Ҳазор саҷда барам хоки он замини туро.

Байти аввали қитъаи зери устод Рӯдакӣ дар шарҳи вожаи «Ғофил»-и Ҳ. Қаландаров (ҷ. 1, саҳ. 367) аз ҷиҳати вазну маънӣ куллан ғалат оварда шудааст:

**Эй ғофил(?)** аз шумор чӣ пиндорӣ,

К-ат холиқ офарид **ба пиндорӣ(?).**

Мисраи дуюми он дар шарҳи вожаи «Пиндоштан»-и М. Муҳаммадӣ боз дар шакли дигар: «К-аст Холиқ офарид **на бар коре**» **(?)** оварда шудааст. Аммо шакли саҳеҳи байти мазкур дар вазну маънӣ бояд ба сурати зайл бошад:

Эй види ғо / фил аз шумор, / чӣ пиндорӣ?

К-ат Холиқ / офарид / баҳри коре.

Байт дар ритми андозаи мураккаби панҷҳаштякист (ниг.: Ҷ. Обидпур. Ритмикаи ашъори устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, 2008, саҳ. 16-18) ва бо ягон ченаки илми арӯз онро наметавон вазнбардорӣ намуд.

Дар байти дуюми панди «Зеҳ доноро…» (ҷ. 1, саҳ. 260 ва 510) мисраи чорум ба сурати «Буз ба буҷ-буҷ-бар ҳаргиз нашавад фарбеҳ» омадааст, ки ба вазни умумии се мисраи аввал мувофиқат намекунад, гарчанде дар он маъно равшан аст. Ин мисраъ дар дигар маъхазҳо низ дар ҳамин шакл аст. Вале шакли саҳеҳу равони мисраи мазбур мувофиқи вазни шеър шояд ба шакли «Нашавад буз ба буҷ-буҷ-бар ҳаргиз фарбеҳ» бошад. Дар ин сурат калимаҳои аввали мисраи сеюм - «сухани» (VV-) ва чорум – «нашавад» (VV-) дар ритм мутобиқ меафтанд.

Мисраи дуюми байти чорум аз ғазали «Шод зӣ…» дар шакли «Шӯрбахт **он касе, ки** (?) нахӯрду надод» (ҷ. 1, саҳ. 99 ва 526) ва дар шарҳи вожаи «Некбахт» (ҷ. 2, саҳ 220) боз дар шакли дигар: «Шӯрбахт **он касе, ки ӯ** (?) нахӯрду надод» корбаст шудааст Дар ҳар се маврид вазни мисраи мазкур костааст; вожаи «касе» зиёдатист ва дар вазн намеғунҷад. Вазни ғазал дар ритми андозаи мураккаби шаш-ҳаштякӣ («уфар») тарҳрезӣ шуда, шакли саҳеҳаш ба сурати зайл аст:

Некбахт / он касе, ки / доду бихӯрд,

Шӯрбахт / он, ки ӯ на / хӯрду надод.

Нақша: - - / - V - V / - VV - //

Байти мазкурро М. Низомов дар шарҳи вожаи «Кас» (ҷ. 1, саҳ. 556) дар шакли дурусташ ба қалам додааст.

Дар шарҳи вожаи «латифдаст» (ҷ. 2, саҳ. 31) мисраи сеюми қитъаро, ки ба сурати «Агарчи чангнавозон латифдаст буванд» дар вазн саҳеҳ аст, халалдор сохта, ба ҷои калимаи «буванд» вожаи «буданд»-ро истифода бурдаанд. Шоир ин ҷо замони хешро дар назар доштааст, ки худаш низ чангнавоз буд, на замони гузаштаро. Ғайр аз ин калимаи «буванд» дар мисраъ равону хушоҳангтар аст.

Мисраи дуюми байти зери устод Рӯдакӣ, ки дар ритми андозаи мураккаби ҳафт-ҳаштякист, дар шарҳи вожаи «лашкар» (ҳамон ҷо, саҳ. 33) ба шакли сактадор оварда шудааст:

Хоста тороҷ карда, судҳоят барзиён,

Лашкарат ҳамвора ёфа, **чун рамай(?) рафта шубон.**

Дар мисраи дуюм калимаи «чун» зиёдатист, дар вазн намеғунҷад. Нақша ба сурати зайл аст: - V - - / - V - - / - V - - / - V~//

Мувофиқи задаи калимаҳо дар тақтеъ мисраи дуюм бояд ба сурати «Лашкарат ҳамвора ёфа, рамайи рафта шубон» истифода шавад, ки он мутобиқи вазни мисраи якум аст.

Қодири Рустам дар мақолааш «Луғатнома» (ҳамон ҷо, саҳ. 52) якчанд байту қитъаро аз асари олиму нависандаи эронӣ Алиакбари Деҳхудо бо абёти устод Рӯдакӣ мисол овардааст, ки дар ду маврид вазн вайрон шудааст.

Якум, байти зерин:

**Аз замӣ барҷастаме то ҷошдон,**

**Хӯрдаме ҳар-ч андар (?) он будӣ зи нон**.

Мисраи дуюм мувофиқи задаҳои калимаҳо дар тақтеъ ба вазни мисраи аввал мувофиқат намекунад. Вазни байти мазкур дар ритми андозаи мураккаби ҳафт-ҳаштякӣ буда, мисраъ дар се тақтеъ таҳррезӣ шудааст. Бинобар ин, мисраи дуюм ба сурати **«Хурдаме ҳар чӣ дар он будӣ зи нон»** - ҳамвазни мисраи аввал мебошад.

Тақтеъбандии байти мазкур чунин аст:

Аз замӣ бар / ҷастаме то / ҷошдон,

Хӯрдаме ҳар / чӣ дар он бу / дӣ зи нон.

Ҳиҷоҳои аввали тақтеъҳоро мебояд бо зада хонд, тавре ишора намудем.

Дувум, байти зайл:

**Эй Маҷ, кунун ту шеъри ман азбар куну бихон,**

**Аз ман дилу сиголиш, аз ту тану забон (?).**

Дуруст аст, ки байт маънии равшан дорад, вале таносуби вазн дар калимаи охири мисраи дуюм ба сабаби ивази калимаи «равон» ба «забон» костааст. Дар калимаи «равон» зада дар ҳиҷои аввал – дар «ра» рост меояд, вале дар калимаи «забон» дар ҳиҷои дувум – дар «бон» меафтад. Яъне калимаи «забон» бо калимаи «бихон»-и мисраи якум ҳамқофия буда метавонад, вале ҳамвазн – не!

Вазни байти мазкур бо ягон ченаки илми арӯз санҷида намешавад, чунки вазни мазкур яке аз зарбу усули маъмултарин ва қадимтарини нағмаву усули мардуми тоҷик мебошад. Ин вазн дар «Шашмақом» васеъ истифода шудааст, аз ҷумла дар як мақоми дуюм «Рост»-и «Шашмақом» сурудҳои «Таронаи 5-ум», «Талқинчаи ушшоқ», «Талқинчаи савти ушшоқ» ва «Талқинчаи савти сабо» дар ҳамин зарбу усул (ритм) суруда мешаванд. Вазни байти мазкур дар ритми андозаи омехтаи се-чоряakиву се-ҳаштякӣ тарҳрезӣ шуда, тақтеъҳо як зада доранд (ниг.: Ҷ. Обидпур. «Ритмикаи ашъори устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ», 2008, саҳ. 39-41).

Тақтеъбандии байти фавқ ба сурати зайл аст:

Эй Маҷ, кунун / ту шеъри / ман азбар куну / бихон,

Аз ман дилу / сиго / лиш, аз ту тану / равон.

Нақша: - - - V / VVV / - VVVV / V - //

Таваҷҷуҳ кунед ба нақша: тақтеъҳои якум ва сеюм дар вазн якхелаанд - бо се ҳиҷои дароз, вале тақтеи дуву чор бошад, бо се ҳиҷои кӯтоҳ тарҳрезӣ шудаанд. Ин ченаки вазнӣ дар арӯз вуҷуд надорад.

Мисраи якуми байти панҷуми ғазали «Шод зӣ…» дар ду ҷилди Донишнома ба ду шакл омадааст: дар шарҳи вожаи «Бода»-и Д. Ҳомидов (ҷ. 1, саҳ. 238) ба сурати «Боду абр аст ин ҷаҳон, афсӯс» ва дар мақолаи Ш. Исрофилниё «Май дар ашъори Рӯдакӣ» (ҷ. 2, саҳ. 68) ба сурати «Боду абр аст ин **ҷаҳони фисус** (?)» корбаст шудааст. Дар ин

ҷо иштибоҳи кӣ бошад? Вале мо мисраъро ба тарозуи ритм бармекашем, ки дар он хилоф нест.

Мувофиқи задаи калимаҳо дар тақтеъ ва имлои саҳеҳи матн байти фавқ ба сурати зайл тақтеъбандӣ мешавад:

Боду абр / аст ин ҷаҳ / он, афсӯс,

Бода пеш / ор, ҳарчи / бодо бод.

Нақша: VV - / - + V - V / - - - //

Байти мазкур дар ритми андозаи мураккаби шаш-ҳаштякӣ («уфар») тарҳрезӣ шуда, равону хушоҳанг аст. Вазн аз се тақтеъ иборат буда, тақтеъҳои аввал нопурра мебошанд. Калимаҳои «аст» аз мисраи якум ва «ор» аз мисраи дувум ҳар кадоме ба дарозии як ҳиҷои дароз ва як ҳиҷои кӯтоҳ (- + V) кашиши замонӣ доранд.

Дар хусуси «ҷаҳони фисус», ба андешаи мо, хониши калимаи «фисус» дар мисраъ ночаспон буда, задааш ба задаи тақтеъ мувофиқат намекунад.

«Ҳамеша шоду надонистаме, ки ғам чӣ буд» - мисраест аз қасидаи «Шикоят аз пирӣ»-и устод Рӯдакӣ, ки дар он маънӣ равшан ва вазн саҳеҳ аст. Мисраи мазкурро дар шарҳи вожаи «майдон» (ҳамон ҷо, саҳ. 69) оварда, вожаи «буд»-ро ба «б-вад» иваз намудаанд. Калимаи «буд» дар ритм чун ҳиҷои дарози безада корбаст мешавад, вале вожаи «б-вад» мавриди хониш ба дарозии як ҳиҷои кӯтоҳ ва як ҳиҷои дароз (V-) кашиш дорад. Ба замми ин, «вад» ҳиҷои заданок аст, вале ба ҷои ҳиҷои безада истифода шуданаш, табиист, ки вазнро халалдор менамояд.

* * *

Як камбуди арӯзшиносон (вазншиносон) дар он аст, ки онҳо моҳияти задаро дар тақтеъбандӣ дуруст дарк накарда, ба мақоми зада, ҷои корфармоӣ ва сермаҳсулии он дар назми форсу тоҷик аҳамияти зарурӣ надодаанд. Мебоист арӯзиён дар навбати аввал задаи афоилро муайян сохта, онро бо задаи калимаҳои мисраъ (байт) баробар мегузоштанд, чунки саҳеҳии мисраҳои байтро танҳо бо баробаргузорӣ ва муқоисаи ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ муайян кардан ноқис аст.

Тақтеи комил аз ҳиҷои заданок оғоз ёфта, пеш аз ҳиҷои заданоки баъдина, ки қувваaш бо он баробар аст, қатъ мегардад ва бо хатчаи амудӣ аз якдигар ҷудо карда мешавад. Дар ин ҳолат ҳиҷоҳои аввали тақтеъҳоро мебояд заданок қироат кард. Чунончи, байти зери устод Рӯдакӣ аз рӯйи задаи калимаҳо, ки ритм (вазн)-ро ба вуҷуд меоварад, ба ин сурат тақтеъбандӣ мешавад:

**Сари / сарви қадаш / шуд божгу / на,**

**Дуто / шуд пушти ӯ / ҳамчун дару / на.**

**Нақша: V - / - V V - / - V + V - /~**

Дар байти мазкур тақтеъҳои аввалу охир нопура набуда, ду тақтеи мобайни мисраъ комиланд. Тақтеъҳои аввалу охир дар маҷмӯъ ба вазни як тақтеи комил баробар шуда, вазни умумии мисраъро ба 3 тақтеи комил баробар месозанд. Байти мазкур дар ритми андозаи мураккаби оҳанги шаш-ҳаштякӣ («уфар») тарҳрезӣ шуда, шӯху тарабангез аст. Нақшаи тақтеи сеюми мисраи аввал «шуд божгу» /- - -/ ва тақтеи сеюми мисраи дувум «ҳамчун дару» /- V V -/ аз якдигар тафовут доранд, вале вазнро халалдор накардаанд.

Илова бар ин, як тартиби мушаххасе баҳри муайян сохтани вазни шеър мавҷуд аст: на ҳама навъҳои шеър бо тақтеи комил оғоз меёбанд ва на ҳама тақтеъҳои охири мисраъ бо ҳиҷоҳои комил ба итмом мерасанд. Вале ҳама тақтеъҳои мобайни мисраъ аз ҷиҳати вазн ба ҳам мутобиқанд. Арӯзиён ҳамин равишу тартибро дуруст сарфаҳм нарафта, афоилро, ки дар вазн ченакҳои мухталифанд, тақтеъ дониста, вазни аслии шеърро муайян карда натавонистаанд.

Моро мебояд каломро дуруст бинависем, то онро дуруст талаффуз кунем. Вазн хурдтарин каму костагиро дар худ қабул карда наметавонад. На танҳо ягон ҳарф каму илова шавад, вазн халал меёбад, балки ҳатто «и»-и кӯтоҳ ва «ӣ»-и зада низ мавқеи худро доранд. Чунончи, вожаи «мустӣ» (Донишномаи Рӯдакӣ, ҷ. 2, саҳ. 174) аз устод Рӯдакӣ мисол оварда шудааст, ки калимаи мазбур дар аввал ва охири мисраъ бо «ӣ»-и зада навишта шудааст. Ин, албатта, саҳви шоир набуда, саҳви вазншинос аст. Ибораи «мустӣ макун» (- - V-) ба ин сурат вазни мисраъро костааст. Агар мо калимаро ба сурати

«мустӣ» (- -) нависем, хониши ҳар ду ҳиҷо дароз мешавад ва зада дар ҳиҷои дуюми «тӣ» меафтад. Аммо ибораи «мусти макун» (- V V -) бо «и»-и кӯтоҳи безада имло шавад, дар он сурат зада дар ҳиҷои «мус» рост меояд, ки мутобиқи вазн аст. Вале ибораи «ӯ мустӣ» (- - -) дар охири мисраъ дар ин шакл мутобиқи вазн аст.

Тақтеъбандӣ ва хониши саҳеҳи байти мазкур ба ин сурат аст:

**Мусти макун, / ки нангарад / ӯ мустӣ,**

**Зори макун, / ки нашнавад / ӯ зорӣ,**

**Нақша: - V V - / V - V - / - - - //**

Байти мазкур дар ритми андозаи мураккаби оҳанги шаш-ҳаштякӣ («уфар») тарҳрезӣ шуда, аз 3 тақтеъ иборат мебошад. Ҳама тақтеъҳо дар вазн комиланд. Шакли нақша дар ҳар се тақтеъ мухталиф аст, вале вазнро халалдор насохтааст.

Мисраи якуми ҳамин байт дар шарҳи вожаи «зорӣ»-и М. Нарзиқул (ч.1, саҳ.506) дар шакли ғалат: «Мустӣ макун, ки **нашнавад(?)** ӯ мустӣ» корбаст шудааст.

Дар байти зайли қасидаи «Дер зиёд он…», ки ба сурати зерин аст:

**Эй малак, аз / ҳоли дӯсто / наш ҳаме ноз,**

**Эй фалак, аз / ҳоли душма / наш ҳаме ханд.**

вазн дақиқ ва маънӣ равшан аст. Вале дар шарҳи вожаи «нозидан»-и Ш. Некӯшоева (ч. 2, саҳ. 243) дар мисраи аввали он ба ҷои калимаи «малак» вожаи «фалак» ва дар мисраи дувум ба ҷои калимаи дар вазн саҳеҳи «душманаш» нодуруст вожаи **«душманонат»(?)** корбаст шудааст.

Байти боло дар ритми андозаи мураккаби оҳанги ҳафт-ҳаштякӣ тарҳрезӣ шуда, аз 3 тақтеъ иборат мебошад, ки нақшааш ба сурати зайл аст: - V - - / - V - - / - V - - //

Дарк накардани меъёри вазн ҳатто дар жанри рубоӣ низ ба мушоҳида мерасад. Дар шарҳи вожаи «нукта»-и А. Абдусаттор (ҳамон ҷо, саҳ. 252) мисраи дувуми рубоии машҳури устод Рӯдакӣ дар шакли ғалат корбаст шудааст:

**Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,**

**Бар кӯру кар (?) нукта нагирӣ, мардӣ.**

Дар мисраи дувум калимаи «ар» ихтисор шуда, вазни мисраъро ба кашиши як ҳиҷои дароз костааст. Шакли саҳеҳи мисраи мазкур чунин аст: «Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ» (ниг. Ҷ. Обидпур. Ритмикаи ашъори устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ. – Душанбе, 2008.- саҳ. 32-36).

Дар **«Донишномаи Рӯдакӣ»** кам нестанд рубоиҳое, ки дар онҳо ё калимае иваз шудааст ё калима шаклан табдил ёфтааст. Масалан, дар рубоии «Бо дода қаноат куну…» (ҳамон ҷо, саҳ. 268) дар мисраъҳои сеюму чоруми онибораҳои «дар беҳ зи худ» ва «дар кам зи худ», ки мувофиқи вазни рубоӣ хушоҳангу дақиқанд, ба сурати «дар беҳ зи **худе»(?)** ва «дар кам зи **худе»(?)** корбаст шуда, таносуби задаи ибораҳои мисраъҳо бо задаи ритми тақтеъҳо коста гардидааст. Чунин саҳлкориҳо ҳамон ҷо  саҳифаи 260 ва 261 такрор шудаанд. Илова бар ин мисраи якуми рубоии мазкур низ ноӯҳдабароёна «кашфкорӣ» шуда, калимаи «ғам», ки дар вазну маънии мисраъ саҳеҳ аст, бидуни риояи вазну маънӣ ба вожаи «дунё» иваз гардидааст. Яъне, ба ҷои вазни як ҳиҷои кӯтоҳ («ғам»), ду ҳиҷои дароз («дунё») бо задаҳои мухталиф оварда шудааст.

Ҳамчунин дар рубоии «Чун кори дилам…» дар шарҳи вожаи «мондан»-и В. Элибойзода (ҳамон ҷо, саҳ. 146) вожаи саҳеҳи «гиреҳ» дар се мисраъ дар шакли «гираҳ» корбаст шудааст, ки дар натиҷаи аз ҳиҷои аввал ба ҳиҷои дувум гузаштани зада («раҳ») дар се маврид ҳам вазн сактадор гаштааст.

Мисраи «Шодии Бӯҷаъфар Аҳмад бин Муҳаммад» аз қасидаи «Модари май»-и устод Рӯдакӣ дар вазну маънӣ саҳеҳ аст. Аммо дар маъхазҳо ба гунаҳои мухталиф ба мушоҳида мерасад. Шакли дар шарҳи вожаи «озод» (ҳамон ҷо, саҳ. 268) мисол овардаи Ш. Некӯшоева аз ҳамаи онҳо фарқ мекунад. Ш. Некӯшоева мисраи мазкурро ба сурати «Шодии **Бӯҷаъфару(?)** Аҳмад **ибни(?)** Муҳаммад» сабт намуда, як нафарро ба хонанда ду нафар муаррифӣ намудааст ва дар натиҷа ҳам вазн ва ҳам мазмуни сухани муаллиф халал ёфтааст. Дар мисраъ ду ҳиҷо аз вазн зиёд омада, задаи калимаҳои мисраъ бо задаи ритми тақтеъҳо мутобиқ наафтодаанд.

Қасидаи «Модари май» дар ритми андозаи мураккаби оҳанги шаш-ҳаштякӣ («уфар») тарҳрезӣ шуда, аз чор тақтеъ иборат аст. Ҳиҷои охири ҳама мисраъҳо дар алоҳидагӣ ба дарозии як тақтеи комил (яъне, шаш ҳиҷои кӯтоҳ) кашиши замонӣ доранд ва нақшаи умумии қасида ба сурати зайл аст: - V V - / - V - V / - V + V - /~ //

Вале шакли нақша дар тақтеи сеюми бисёр мисраъҳо мухталиф аст: а) - - -/; б) ~ V -/; в) - V V -// ва ин се шакли хониши мисраъҳо аз ихтиёроти шоирӣ буда, дар шеър (хусусан, дар андозаи оҳанги шаш-ҳаштякӣ) мақбул асту вазнро коста намесозад. Нақшаи «Шодии Бӯҷаъфар Аҳмад бин Муҳаммад» дар ритм ба сурати зайл аст: - V V - / - - - / - V V - / ~ //. Ихтиёроти шоирӣ дар тақтеи дувум корбаст шудааст, на дар тақтеи севум. Аз ин сабаб хониши мисраъ дар вазн мураккаб аст.

Байти дувум аз қитъаи «Замона асбу ту роиз…» ба сурати зайл дар маънӣ равшану дар вазн дақиқ мебошад:

**Агарчи чангнавозон латифдаст буванд,**

**Фидои дасти қалам бод дасти чангнавоз.**

Он дар ритми андозаи мураккаби шаш-ҳаштякӣ («уфар») тарҳрезӣ шуда, аз 4 тақтеъ иборат аст. Тақтеи аввал дар вазн комил набуда, се тақтеи дигар аз ҷиҳати вазн комиланд. Мо нақшаи мисраъҳоро дар алоҳидагӣ тақтеъбандӣ мекунем, чунки шакли нақшаҳо аз якдигар тафовут доранд.

**Агарчи / чангнаво / зон латиф / даст буванд,**

**Нақша: V – V / - + V V - / - V - + V / - + V V - //**

**Фидои /дасти қалам / бод дасти / чангнавоз.**

**Нақша: V - V / - V V - / - + V - V / - + V V - //**

Калимаҳои «чанг», «даст», «бод» ва ҳиҷои «тиф» аз вожаи «латиф» ҳар кадоме ба дарозии як ҳиҷои дароз (-) ва як ҳиҷои кӯтоҳ (V) кашиши замонӣ доранд, ки мо онҳоро бо аломати ҷамъ ишора намудаем.

Дар шарҳи вожаи «радулаҷузи илассадр» (ҷ. 2, саҳ. 344) калимаи «латифдаст» аз мисраи якуми байти мазкур ба вожаи **«латифтабъ»(?)** иваз шуда, маъниро халалдор сохтааст. Дар шарҳи вожаи

«латифдаст»-и И. Ҳидоятов (ҳамон ҷо, саҳ. 31) бошад, ба ҷои калимаи «бувад» вожаи **«буданд»(?)** корбаст шуда, маъниро халалдор ва вазнро костааст.

Илова бар ин, ихтиёроти шоирӣ дар тақтеи охири ҳар ду байти қитъа истифода шудааст: дар байти аввал ба сурати / - - - / ва дар байти дувум ба сурати / - + V V - /, вале вазн коста нашудааст.

Матни байте аз панду ҳикмати устод Рӯдакӣ дар мақолаи М. Муллоаҳмад - «Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» (ҷ. 1, саҳ. 10) дуруст сабт шудааст, ки тақтеъбандиву нақшааш ба таври зайл аст:

**Оҳ, аз / ҷаври ин / замонаи / шум,**

**Ҳама шо / дии ӯ / ғамон о /меғ.**

**Нақша: V + V - / V V - / V V V + V / ~ //**

Мисраи дувуми байти мазкур дар мақолаи Ш. Боев «Суханвари инсондӯст» (ҷ. 2, саҳ. 535) дар шакли ғалат ба сурати «Ҳамаи шодият аноомеғ» **(?)** сабт шудааст.

Чизи дигаре, ки боиси сактаи вазн шудааст, нуқсу иллатҳои имлои калимаҳо дар назм аст. Масалан, имлои <u>эй</u> ба «ай», <u>ки</u> ба «кӣ», <u>чи</u> ба «чӣ», <u>ҳарки</u>, <u>ҳарчи</u> ба «ҳар кӣ, ҳар чӣ», <u>на</u> ба «не», <u>бубинад</u> ба «бибинад», <u>бубахшо</u> ба «бибахшо», <u>бӯи</u> ба «бӯйи», <u>сӯи</u> ба «сӯйи», <u>бубинӣ</u> ба «бибинӣ», <u>сияҳчашм</u> ба «сиёҳчашм», <u>бубаст</u> ба «бибаст», <u>буланд</u> ба «баланд» ва ҳ.к.

Муайян сохтани ҳиҷоҳои дароз ва кӯтоҳ ва афоилро тақтеъ донистан вазншиносӣ нест. Тақтеи шеър мисли тақтеи мусиқист, ки дар асоси зада (аксент - аз юнонӣ, accentus - зарба; ҳиҷо (нота)-еро аз ҳиҷоҳои дигар бо зарба ҷудо кардан) тарҳрезиву дар мизони ритм баркашида ва бо хатчаи амудӣ аз якдигар ҷудо карда мешавад. Мувофиқи чунин тарзи тақтеъбандӣ хониши ҳиҷоҳои аввали тақтеъҳои мисраъро мебояд бо зада (зарба) ҷудо кард.

Бояд гуфт, ки камбудҳои дар боло зикршуда қисман дар ашъори устод Рӯдакӣ, ки дар шакли девон, мақолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ ва дигар маводҳои то имрӯз бачопрасида ҷой доранд.

Дар хусуси вазншиносӣ ва дар ин илм ба иштибоҳ роҳ додани арӯзиён ақидаи хешро камина дар рисолаи «Шеър оҳанг аст»

(Душанбе, «Паёми ошно», 2002) муфассал иброз доштаам. Вале чунин вазншиносии куллан аз қоида берун дар ду ҷилди «Донишномаи Рӯдакӣ» ба мушоҳида расид, ки мо андешаи хешро мухтасаран пешкаши хонанда месозем.

Матншинос Мисбоҳиддини Нарзиқул дар мақолааш «Авзони даврӣ» (ҷ. 1, саҳ. 70-71) чунин ибрози ақида намудааст: «Дар миёни ашъори боқимондаи Рӯдакӣ абёте ҳаст, ки ҳам бо ду ва ё зиёда вазн хонда мешавад». Ин андешаи муаллиф аз нафаҳмидани вазн (ритм, усул) рух додааст. Ӯ фикрашро дар чор банд баён намуда, аз ҷумла дар банди «г» навиштааст: «дар охири пораҳои мисраъ мумкин аст, шоир ҳарфе зиёд аз вазн оварда бошад. Дар ин ҳолат он ҳарфи зиёд дар тақтеъ ба ҳисоб гирифта намешавад».

То ҷое медонем, дар ашъори шоирони классики форсу тоҷик аз устод **Рӯдакӣ** то **Шамсиддини Шоҳин** ҳарфе зиёд ё кам аз вазн ба мушоҳида нарасидааст ва ҳар як шеъри эшон танҳо дар андозаи як ритми аслӣ иншо шудааст.

Муаллиф чор байти мухталифи устод Рӯдакиро мисол оварда, вазнбардорӣ намудааст. Бояд гуфт, ки дар он байтҳо ҳарфе зиёд ё кам нест ва ҳама байтҳо танҳо дар як вазни аслӣ иншо шудаанд. Вале афоилҳои овардаи матншинос ҳама ҷавобгӯи вазнҳо намебошанд. Мо интихобан байти чоруми мисоли овардаи муаллифи мақоларо вазнбардорӣ мекунем:

**Сарв аст ё боло, моҳ аст он ё рӯй?!**
**Зулф аст он ё чавгон, хол аст он ё гӯй?!**

Муаллиф дар бораи вазни байт чунин гуфта: «дар охири пораи аввали мисраи дуюм як ҳиҷо аз вазн зиёд оварда шудааст» ва вазни шеърро бо афоили мафъӯлу мафъӯлун (2 бор) вазнбардорӣ намуда, нақшаро ғалат ба сурати (- V / - / - V / -) нишон додааст.

Байти мазкур дар ритми андозаи содаи се-чорякӣ тарҳрезӣ шуда, аз чор тақтеъ иборат аст, яъне бо се ҳиҷои дароз дар тақтеъ. Тақтеъҳо сода буда, танҳо ҳиҷоҳои аввали онҳо бо зада хонда мешаванд. Тақтеъҳо дар вазн ҳама комиланд ва мувофиқи задаи калимаҳои мисраъ тақтеъбандиашон ба сурати зайл аст:

**Сарв аст ё / боло, / моҳ аст он / ё рӯй?!**

**Зулф аст он / ё чавгон, / хол аст он / ё гӯй?!**

**Нақша: - - - / - - + - / - - - / - - + - //**

Ҳиҷои «ло» аз калимаи «боло», вожаҳои «рӯй» (мисраи аввал), «гӯй» (мисраи дуюм) ҳар кадоме ба дарозии ду ҳиҷои дароз (- + -), ки мо онҳоро бо аломати ҷамъ ишора намудаем, кашиши замонӣ доранд. Вазн дақиқ аст. Мисраъҳо низ дар ритм (вазн) баробаранд.

Камбудиҳои боло айнан дар вазнбардории «зубаҳрайн»-и М. Нарзиқул (ҳамон ҷо, саҳ. 506-07) такрор ёфтаанд. Чизи дигаре, ки моро дар ҳайрат гузошт - ин «кашфкорӣ»-ҳои бемаҳсули ӯ дар мақолаи «Ихтиёроти шоирӣ»-и ӯст (ҳамон ҷо, саҳ. 540-42). Ба ақидаи муаллифи мақола, «Омадани як ҳиҷои кӯтоҳ ба ҷои як ҳиҷои дароз дар шеъри Рӯдакӣ корбурди хеле васеъ дорад» ё ин ки баръакс, «Омадани як ҳиҷои дароз ба ҷойи як ҳиҷои кӯтоҳ». Ақидаи фавқ куллан ғалат буда, дар байтҳои овардаи ӯ низ ин тавр нест. Барои мисол байти зерро гирем:

**Бо дирафши ковиёну токдес,**

**Зарри муштафшору шоҳона камар.**

Нақша ба сурати зайл муайян шудааст: **- V - / - V - / - V -** (2 бор) ва муаллифи мақола вазнро бо фоъилотун фоилун вазнбардорӣ намуда, ба ин назар аст, ки «ҳиҷоҳои чоруму ҳаштуми мисраи якум - «ши», «ну» ва нӯҳуми мисраи дуюм - «на» дар асл кӯтоҳанд, аммо ба ҷойи ҳиҷои дароз истифода шудаанд».

Дар асл бошад, ин тавр нест. Он ҳиҷоҳо ҳамагӣ кӯтоҳанд ва дар байт ҳамчун ҳиҷои кӯтоҳ истифода шудаанд. Иштибоҳи вазншинос аз он рух задааст, ки ӯ аз сабаби дарк накардани ритм афоъилро нодуруст интихоб намудааст. Афоъили фоъилотун ченаки вазниест, ки ба ритми андозаи оҳанги ҳафт-ҳаштякӣ рост меояд. Аммо байти мазкур дар ритми андозаи оҳанги шаш-ҳаштякӣ буда, ҳиҷоҳои дуюми он ҳама кӯтоҳанд.

Тақтеъбандӣ ва хониши саҳеҳи байти мазкур ба сурати зайл аст:

**Бо дирафши / ковиёну / токдес,**

**Зарри муштаф / шору шоҳо / на камар.**

**Нақша: - V - V / - V - V / - + V ~ //**

Тавре дар нақша аён аст, ҳиҷоҳои дуюм, чорум, шашум, ҳаштум ва даҳум дар вазн ҳама ҳиҷоҳои кӯтоҳанд. Танҳо ҳиҷои «ток» аз калимаи «токдес» ба дарозии як ҳиҷои дароз (-) ва як ҳиҷои кӯтоҳ (V) кашиши замонӣ дорад, ки мо онро дар нақша бо аломати ҷамъ ишора намудаем. Ҳамчунин ҳиҷоҳои охири мисраъҳо низ дар вазн ба дарозии якуним ҳиҷо (~) кашиши замонӣ доранд. Дар он сурат вазни мисраъ ба се тақтеъи мукаммал баробар мегардад.

Хуллас, муҳаққиқ вазни 7 байти мухталифро дарк накарда, афоъилҳоеро интихоб намудааст, ки ҷавобгӯйи вазни аслии байтҳо намебошанд. Ӯ бо иштибоҳи худ шоирро гунаҳкор карданӣ шудааст. Дар вазни шеъри устод Рӯдакӣ аз тақтеъ ҳарфе сокит намегардад ва ҳеҷ гоҳ ба ҷои ҳиҷои дароз ҳиҷои кӯтоҳ ва ё баръакс оварда нашудааст (ниг.: ***Ҷ. Обидпур. Ритмикаи ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ.- Душанбе,*** 2008).

Муҳаққиқони арӯз ба гуфтаҳои ҳамдигар чизе илова карда бошанд ҳам, аммо дар муайян сохтани вазни шеър ҳама аз як тарзу усули ҳал кор гирифтаанд ва табиист, ки якхел ба иштибоҳ роҳ додаанд.

Арӯз дар се марҳила бо се унвон ба аҳли таҳқиқ маълум аст: *арӯзи араб, арӯзи тоҷикӣ ва арӯзи нав(13,8-47).* Аммо арӯзиён дар ҳама давра вазнро бо баробаргузории ҳиҷои дарозу кӯтоҳ ҳаллу фасл намуда, афоъилро тақтеъ дониста, дар ин кор ба саҳлангорӣ роҳ додаанд.

Дар хусуси мураккабу печдарпеч будани арӯз адабиётшинос Тӯрақул Зеҳнӣ дар китоби «Санъати сухан» чунин навиштааст: «***Таърихи арӯз бисёр муҳаққиқонеро медонад, ки дар масъалаи содаву осонфаҳм кардани арӯз ҳар кадом тарзу усулҳои наверо пешниҳод мекарданд. Вале, мутаассифона, ҳеҷ як аз ин усулҳо ба таври бояду шояд талаботи хонандаро қонеъ кунонида наметавонад***».

Оре, Зеҳнӣ ҳақиқатро гуфтааст. Вазни арӯз комилан ҷавобгӯи вазни шеъри форсӣ-тоҷикӣ нест, чунки шеъри форсӣ-тоҷикӣ дар пояи ритми (усули) мусиқиаш суруда шудааст ва пайдоиши он аз асри V ибтидо мегирад, ки ин масъала баҳси ҷудогонаро хоҳон аст.

Дар бораи пайванди шеър ва мусиқӣ назари олимонро бори дигар ёдрас мешавем: «*Дар ҳақиқат мусиқӣ ва шеър,* - мегӯяд олими эронӣ Ҳусейн Алии Маллоҳ, - *ду ҳамзоданд, ки дар домони ду доя парвариш ёфтаанд»*. Ба ақидаи композитори бузурги олмонӣ, дирижёр ва нависандаи соҳаи мусиқӣ Рихард Вагнер: «*Мусиқӣ ибтидо ва интиҳои сухан… ва мугозала (ишқ) огоз ва хатми шеър аст»*.

Билохира, шеър ва оҳанг мисли ду навдаи як ниҳоланд, ки ҳар дуро як тана медорад ва як реша ғизо медиҳад. Ин танаву реша - ритм, усул мебошанд, ки асоси эҷоди ҳам оҳанг ва ҳам шеъранд. Ба ибораи дигар, **шеър оҳанг аст ва усули онро набояд коста сохт!**

Ҳақ ба ҷониби Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдист, ки лаҳзае бошад ҳам, норавониву хории забонро мушоҳида карда, фармудааст:

**Агар як лаҳза хории забон бинам,**

**Суханҳои равонро норавон бинам,**

**Ба дасти нотавоне нотавон бинам,**

**Дилам бар Рӯдакӣ сӯзад,**

**Ба ҳоли зиндагӣ сӯзад.**

Мо низ дар фуроварди рисола ба арӯзиён (вазншиносон) аз рӯйи инсоф мегӯем:

**Чу бихонӣ шеърро, лаб во макун, ки он хатост,**

**Ту най вазншинос, дон, ки хато дар ин ҷост!**

Дили мо низ бар шеъри устод Рӯдакӣ сӯхт!!!

## Охирсухан

Дар фаҳмишу дарки вазн (ритм, усул), ки мутааллиқ ба мусиқист, на ин ки калимаву ибора ба эътибор гирифта мешавад, балки каму зиёди як ҳарф вазнро коста месозад. Дар ин маврид баъзан шоир шакли калимаро табдил дода, онро мувофиқи мазмун ба вазну кофия мутобиқ месозад.

Чунон ки гуфтем, дар ин ҳолат калимаи роҳ ба «раҳ», сухан ба «сухун», Абӯалӣ ба «Бӯали» ва ғайра табдил меёбанд. Яъне, як ҳарф метавонад ба вазн зиёдати бошаду вазнро кохиш диҳад. Чунончи:

**Аз замӣ барҷастаме то ҷошдон,**
**Хӯрдаме ҳарчи дар он будӣ зи нон.**

Мазмуни мисраи якум чунин аст:

«Аз замин барчастаме тоҷошдон (сандуқе, ки дар он нон мегузоранд). Тавре мебинем шоир ба ҷои калимаи замин, ки ба вазн мутобиқ нест, шакли «зами» - ро корбаст намудааст, ба сабаби он, ки талаффузи овозии ҳамсадои «н» аз калимаи

мазбур зиёдатисту вазнро коста месозад. Калимаи замӣ бошад дар мисраъ ба вазн мутобиқ ва хушоҳангтар аст.

Мисоли дигар: устод Рӯдакӣ дар баъзе калимаҳо ба ҷои ҳарфи «ф» ҳамсадои «п» - ро корбаст намудааст, ки ин бесабаб нест ва мо гуфта ҳам наметавонем, ки ӯҳарфи «ф» - ро талаффуз карда наметавонист. Чунончи:

**Сапеду симрада буду дурру марҷон буд,**

**Ситораи саҳарӣ буду резаборон буд.**

Ба андешаи мо бачои ҳарфи «ф» истифода намудани «п» дар мулоиму хушсадо будани хамсадои «п» маънидод мешавад. Мо ҳангоми талаффузи ҳарфи «ф» дандонҳои болоро ба лаби поён зер карда, онро талаффуз мекунем, ки овоз кушодаву баланд мебарояд. Ин тарзи талаффузи калимаи сафед дар оҳанг начандон гӯшнавоз аст. Вале ҳарфи «п» бошад бо пушидани лабҳо талаффуз намудани он садои маҳин пайдо мешавад, ки вай дар оҳанг дилнавоз мебошад.

Чунон ки гуфтем, «нағмаву усули тоҷикон, ки бо шеър тавъаманд, аз асри V  (ҳатто аз он чанд аср пештар) ибтидо мегирад. Дар асрхои VI – VII ба пояи баланди касбӣ расида (Борбад), дар қарнҳои  IX-X бо шеъру адаби навини форсӣ-дарии тоҷикии одамушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ боз ба қуллаҳои баландтар ноил мегардад  (11, 43).

Ба ибораи дигар, «суруд бе шеър намешавад ва шеъре, ки бо оҳанг суруда мешавад (дар асл шеър муродифи оҳанг аст), вазни дақиқ дорад. Хушбахтона, ингуна порчаҳои шеърӣ аз қарнҳои кӯҳан то даврони мо омада расидаанд (5, 12).

Таҳқиқи дигаре, ки мо бояд онро эътироф кунем, иқтибосиаз китоби «Таърихи мусиқии низомии Эрон» дар китобаш «Пайванди шеър ва мусиқӣ» овардаи Ҳусейн Алии

Маллоҳ мебошад, ки ин аст: «***Курӯш ҳангоми бақушуни Ошур бинобар одати худ суруде оғоз карда бо эҳтирому адаби зиёд онро бихонданд... Оё ин сурудҳо, ки дар ҳудуди 2500 сол пеш аз ин тавассути Курӯш хонда шудааст аз пайванди мусиқӣ ва калом ҳикоят намекунанд***?» (8, 99).

Шеърҳое, ки бо ритми мусиқӣ суруда мешаванд, шеърҳои мавзун (вазндор) буда, зарурати бо арӯз санҷидан надоранд. Алалхусус ашъори шоирони классикамон аз устод Рӯдакӣ то Шамсиддин Шоҳин дар ритми (усули) мусиқӣ иншо шудаанду вазни дақиқи усулӣ доранд. Дар ин ё он андозаҳои мусиқӣ тарҳрезӣ шудаанд.

Хуллас, аз шеър гуфтан, фаҳмиданаш муҳимтар будааст, чунон ки бузурге фармуда:

***Шеър гуфтан, дурр суфтан бувад,***
***Лек фахмидан, беҳ аз гуфтан бувад.***

**ПАЙНАВИШТ:**

1. **Шеъри Рӯдакӣ**. / Мураттиб, муаллифи сарсухан ва тавзеҳот Расул Ҳодизода.-Душанбе: Деваштич, 2003.

2. Рӯдакӣ. **Шеърҳо**. / Бо пешгуфтор, тартиб ва тавзеҳи У. Каримов, С. Саъдиев.- Душанбе: Ирфон, 1974.

3. **Ритм. Ритмика**. Такт // Луғати русӣ-тоҷикӣ. М.: Русский язык, 1985, с.971, 1088.

4. **Музыкальный энциклопедический словарь**.- М., Советская энциклопедия, 1990, с. 463.

5. Обидпур Ҷ. **Шеър оҳанг аст**. – Душанбе: Паёми ошно, 2002.

6. Хонларӣ Парвиз. **Вазни шеъри форсӣ**.- Теҳрон, 1341 ҳ.

7. Тоиров У. **Фарҳанги истилоҳоти арӯзи Аҷам**.-Душанбе: Маориф, 1991.

8. Маллоҳ Ҳ. **Пайванди шеър ва мусиқӣ**.- Теҳрон, 1367 ҳ.

9. Кадканӣ М. **Мусиқии шеър**.- Теҳрон, 1358 ҳ.

10. Сирус Баҳром. **Арӯзи тоҷикӣ**.- Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963.

11. Обидпур Ҷ. **Ритмикаи ашъори устод Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ**.- Душанбе, 2008.

12. Насриддини Тӯсӣ. **Меъёр-ул-ашъор**. / Таҳияи Урватуллои Тоир ва диг. –Душанбе: Ориёно, 1992.

13. Ваҳҳоб Р.И. **Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии назми муосири тоҷик**.-Душанбе Ирфон, 2009.-199с.